# Такризи

**муқаризи расмӣ ба рисолаи номзадии Суфиёи Ҷаннатмир «Таҳқиқи ҷанбаи иҷтимоии ашъори Халилуллоҳи Халилӣ» барои дарёфтни дараҷаи илмии номзади илмҳои филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик**

Таҳқиқи ҷанбаҳои иҷтимоии осори адибони гузаштаю муосир, яке проблемаҳои муҳимми адабиётшиносии муосир мебошад. Пажӯҳиши пурдоманаи масъалаи мазкур имкон медиҳад, ки муҳимтарин паҳлӯҳои иртиботи мустақими адабиёт бо ҳаёти воқеии ҷомеа равшан карда шавад. Аз ин ҷиҳат метавон рисолаи номзадии Суфиёи Ҷаннатмирро дар шинохти иртиботи осори Халиллулоҳи Халилӣ бо воқеъияти сиёсию иҷтимоии ҳаёти мардуми Афғонистон гоми шоиста ва муҳим шуморид.

Халиллулоҳи Халилӣ аз ҷумлаи адибонест, ки дар густариши адабиёт, ҳунар ва мактабу маорифи кишвари Афғонистон саҳми бевосита дорад, ки шоири тавоно дар баробари осори мондагораш дар рушди ҳаёти сиёсию иҷтимоии кишвараш нақши муҳим гузошта аст. Муаллифи рисола дар маҷмӯъ нақши ин адаби тавоноро дар заминаи пажӯҳиши осори ӯ равшан месозад.

Дар муқаддимаи рисола унвонҷӯ муҳимият ва мубрамияти мавзӯи пажуҳишашро таъкид намуда, ишора менамояд, ки масоили иҷтимоии Афғонистон, дар ашъори Халилӣ аз чанд ҷиҳат баррасӣ мегардад, ки он далели корҳои устувори хаётӣ ва воқеӣ доштани ашъори шоир аст. Дар осори шоир ҷанбаҳои ҳаммосиву лирикӣ, ирфониву дунявӣ дар ҳамбастагӣ баррасӣ мегардад. Шоир масоили мазкурро аз дидгоҳи як адиби огоҳ, донишманд, ватандӯст ва гуманист ба таҳқиқ мегирад. Ба қавли донишманди маъруфи афғон Мавлоӣ дар шеъри Халилӣ калимаю ибораҳо ва ифодаҳо ҳамагӣ «Аз осмон бар вай меомаданд ва ӯ ҳамчун котиб онҳоро сабт менамуд». Ин андеша ҳам, ба он ишора менамояд, ки қаломи шоиронаи Халилӣ зодаи дардҳо ва ормонҳои мардуми Афғонистон аст. Нуктаи муҳим, дар осори шоир он аст, ки ӯ дар ҳар як шеъраш кӯшидааст, ки ба суолоте, ки аз рӯзгори иҷгимоии мардум пеш меорад ҷавоб гӯяд ва ин корро Халилӣ дар ҳадди баланд анҷом додааст.

Бояд гуфт, ки то ҳол ҳам дар Афғонистон ва ҳам дар Тоҷикистон перомуни аҳволу осори Халилӣ, таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расиданд. Вале аз ин дидгоҳ, яъне аз дидгоҳи нуфузи масоили иҷтимоӣ дар шеър, ашъори Халилӣ баррасӣ нашудааст. Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур баррасии маҷмӯии афкору андешаи адиб ва бозтоби он, дар шеъри ӯ мебошад. Воқеан аз ин дидгоҳ то ҳанӯз ашъори Халилӣ дар шакли монографӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифта буд. Ба ҳамин хотир

муаллифи рисолаи мазкур дар пажӯҳиши худ масоили зеринро аз оғоз то анҷоми рисола пайгирӣ намудааст, ки онҳо иборатанд аз: муайян кардани санаҳои воқеӣ ва асли рӯзгори шоир, омӯзиши вижагиҳои ашъори Халилӣ дар асоси нусхаҳои муътамади осораш, таҳлили ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва ҳаётии шеъри Халилӣ, иртиботи ҷанбаҳои мазмунӣ ва шаклии ашъори шоир ва ғайра. Бояд гуфт, ки Халилӣ яке аз поягузорони асосии шеъри ҷадиди Афғонистон мебошад, ки он ҳам аз назари муҳаққиқони қаблии ашъори шоир дар канор мондааст. Ба назари мо баъзе бобҳо ва фаслҳои рисолаи мавриди назар ин халоро дар шинохти комили аҳволу осори Халилӣ пур мекунад. Илова бар ин, унвонҷӯ бори нахуст ашъори Халилро аз нигоҳи мавзӯъ ба таҳқиқ мегирад , ки он воқеан дар халилишиносӣ ва ё дар таҳқиқи шеъри дарӣ сухани тоза аст. Дар робита ба ин, муаллиф масъалаи таъсири ашъори шоирро, ба шеъри муосири дарӣ ва нуфузи онро дар таҳкими робитаҳои адабии халқҳои ҳамҷавор ва хоса халқҳои форсизабон ба миён мегузорад. Воқеъан шеъри Халилӣ ҳам дар Афғонистон ва ҳам дар Эрону Тоҷикистон мақому ҷойгоҳ ва нуфузи хос дорад. Унвонҷӯ таъкид менамояд, ки омӯзиш ва таҳқиқи маҷмӯии эҷодиёти Халилӣ на танҳо барои дарки моҳияти аслии ашъори ӯ, балки барои маърифти аҳдофи шоир муҳим аст. Дар рисола тавассути истифодаи шеваҳои таҳқиқи таърихии-қиёсӣ ва таҳқиқи маҷмӯӣ собит карда мешавад, ки осори Халилӣ на танҳо дар рушди шеъри муосири дарӣ балки дар инкишофи эҷодиёти бисёре аз шоирони тоҷику эронӣ низ таъсири равшан дорад.

Халиллулоҳи Халилӣ бо истифода аз суннатҳои адабии шеъри форсӣ-тоҷикӣ дар адабиёти муосири дарӣ навҷӯиҳои зиёде кардааст. Ба эътирофи баъзе муҳақиқони осораш, шеъри Халилӣ, аз нигоҳи сабку услуб, мазмуну муҳтаво, шеваҳои нигориш нававарона мебошад. Вайро дар Афғонистон ба ҳайси поягузори шеъри нимойӣ мешиносанд ва эътирофу пайравӣ менамоянд. Қолабҳои шеъри нимойӣ имкони бештар додааст, ки Халилӣ беш аз дигарон ба мавзӯъҳо ва масили иҷтимоӣ таваҷҷуҳ намояд. Мавзӯъҳои ватан, мактабу маориф, даъват ба иттиҳоду ҳамбастагӣ, интиқод аз сиёсати замон, масъалаи муҳоҷират аз ҷумлаи масоили меҳварии ашъори шоиранд. Масоили мазкур дар рисола, ба таври мушаххас ва дар робита ба равандҳои шеъри муосири Афғонистон таҳқиқ мшавад.

Рисолаи Суфиёи Ҷаннатмир аз ду боб ва зерфаслҳои ҷудогона иборат аст, ки ҳар яки онҳо ба проблемаҳои мушаххаси ашъори Халилӣ ихтисос дода шудаанд. Боби якуми рисола «Мухтасари шарҳи ҳол ва осори Халиллулоҳи Халилӣ» унвон дошта аз шаш фасл иборат мебошад. Фасли якуми боби аввали рисола, ба тавзеҳӣ шарҳи ҳоли Халилӣ ихтисос

дода шудааст. Муаллиф, овони валодат ва таҳсилу камолоти шоирро шарҳ дода, таъкид менамояд, ки Халилӣ замони кӯдакии пуразобро паси сар намудааст. Махсусан, бад аз кушта шудани падараш Халилӣ зиндонӣ мешавад ва ин азобу ранҷи кашидаашро дар қасидаи «Оҳии нимшаб» равшан баён намудааст. Баъди он ки шоир қасидаи «Равоқи оворагон ё арзи ҳол»-ро навишта ба Шоҳмаҳмудхон пешниҳод менамояд сарнавишти ӯ ба куллӣ тағйир меёбад. Баъзан шоирро ба корҳои давлатӣ ҷалб мекунад. Дар фасли мазкур ин қабил гардишҳои муҳими ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоии шоир муфассал баррасӣ мешавад. Махсусан, мавқеъ ва мақоми Халилӣ дар таҳаввулотҳои сиёсии солҳои ҳафтод ҷолиби диққатанд. Тибқи ишораи муаллифи рисола Халилӣ дар ҳама ҳолат ва ба ҳамаи ҷараёну наҳзатҳои сиёсии Афғонистон аз мавқеъи устовори ҳимояи манфиатҳои миллии кишвараш муносибат менамояд. Махсусан, дар давраи ҳокимияти Довудхон, ки Халилӣ масъулияти сафорати Афғонистонро дар як қатор кишварҳои арабӣ ба ӯҳда дошт. Вай баъди табаддулоти давлатии соли 1978 ҳамчун рамзи эътироз аз кулли маъмуриятҳои сиёсии худ даст кашида ба аввал Олмон ва баъдан ба Амрико ҳиҷрат мекунад. Дар рисола таъкид мешавад, ки шоир солҳои охири умри худро дар Пешовари Покистон мегузаронад ва ҳамон ҷо соли 1987 аз дунё мегузарад.

Муаллифи рисола баъзе аз нуктаҳои муҳими зиндагиномаи шоирро равшан намуда дар фасли дуюми боби якум дар бораи осори Халиллулоҳи Халилӣ маълумоти муфассал медиҳад. Воқеан, устод Халилӣ аз адибони сермаҳсули Афғонистон мебошад. Таълифоти ӯ беш аз 50 асарро ташкил медиҳад. Дар рисола таъкид мешавад, ки доираи фаъолияти эҷодии шоир хеле фаррох буда он назму наср, пажӯҳиш ва публисистикаро фаро мегирад. Муаллифи рисола Халилӣ дар фасли сеюми боби мазкур воситаҳои таълифоти адабию илмии Халилиро баррасӣ намуда, ба хулосаҳои дуруст ва илмӣ мерасад. Вай таъкид менамояд, ки Халилӣ ҳамеша тараннумгари озодӣ ва ободии кишвараш буд. Аз ҳар як мисраву байти шеъри ӯ фарёди озодӣ ва андӯҳи мардуми азияткашидаи афғон метаровад. Ҳатто дар ошиқонаҳои ӯ дарди ишқ омехта ба дардҳои иҷтимоӣ аст.

Дар фаслҳои дигари боби аввали рисола муаллиф вижагиҳои муҳтавои осори Халилӣ, қолабҳои шеърӣ, сабку баёни шоир, саҳми ӯ дар инкишофи шеъри ҷадид ва ғайраро баррасӣ менамояд. Дар рисола таъкид мешавад, ки устод Халилӣ дар ҳамаи қолабҳои суннатии шеъри дарӣ таълифоти мондагореро ба мерос гузоштааст. Вале беш аз ҳама шоир ба қолабҳои қасида, ғазал ва дубайтӣ гароиш доштааст. Муҳим он аст, ки шоир дар қасоиди худ васфи зиёди касеро накардааст. Ӯ ба

василаи жанри қасида бисёре аз масоили иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаи Афғонистонро ба миён гузошта, таваҷҷуҳи давлатмардони замони худро ба воқеияти зиндагии мардуми кишвараш ҷалб намудааст. Аксари муҳаққиқиқони осораш таъкид мекунад, ки бештари бурди шоир дар шеърҳои иҷтимоӣ мебошад. Чунки Халилӣ шахсияти сиёсӣ буд ва ормонҳои сиёсии мардуми Афғонро дар қолаби каломи шоирона тавонист дар ҳадди лозимӣ ифода намояд.

Дар боби аввали рисола кулли масоиле, ки зикр гардид, бо низом баррасӣ шудааст. Дар анҷоми ҳар фасл муаллиф бардоштҳо ва хулосаҳои худро аз пажӯҳиши осори Халилӣ ба таври мушаххас баён мекунад, ки онҳо дар маҷмӯъ арзиши илмии рисоларо меафзоянд.

Боби дуюми рисолаи Суфиёи Ҷаннатмир ба таври куллӣ ба таҳқиқи бозтоби масоили иҷтимоӣ дар ашъори Халилӣ ихтисос дода шудааст. Ин боби рисола дар маҷмӯъ иборат аз 11 фасл аст. Дар фаслҳои алоҳидаи боби дуюми рисола унвонҷӯ масъалаи тасвири мавзӯъҳои ватан, зан, модар, маориф, таълиму тадрис, иттиҳоду ҳамбастагӣ, зарар ва оқибатҳои ҷанг, беадолатӣ, ихтилофоти қавмию мазҳабӣ ва ғайраро баррасӣ менамояд. Тибқи андешаи муаллифи рисола мавзӯи ватан ва ватандӯстӣ аз масоили меҳварии ашъори шоир буда, мавзӯоти дигар ба онҳо ба таври мустақим ва ғайримустақим иртибот доранд. Гузашта аз ин, Халилӣ аз ҷумлаи адибоне буд, ки ба масъалаи тарғиби мактабу маориф ва оини маорифпарварӣ таваҷҷуҳи хос дошт. Вай нақши мактаб ва муаллимро дар рӯзгори инфиродӣ ва иҷтимоии ҷомеа махсус таъкид менамояд. Шоир худ медонист, ки бидуни омӯзиши илм пешбурди ҷомеа номумкин аст. Муаллифи рисола масоили мазкурро баррасӣ намуда, дар масъали маорифпарварӣ Халилиро аз ҷумлаи пайравони Ҷамолиддини Афғонӣ меҳисобад.

Дар фаслҳои ҳафтум ва ҳаштуму нуҳуми боби дуюми рисолаи Суфиёи Ҷаннатмир бозтоби масоили иттиҳоди миллӣ, ҷанг ва сулҳ аз байн бурдани ихтилофоти мазҳабию қавмӣ, интиқод аз беадолатиҳои иҷтимоӣ ва ғайра таҳқиқ шудааст, ки онҳо дар маҷмӯъ мавқеи устувори сиёсӣ ва иҷтимоии шоирро нишон медиҳанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки Халилӣ аз печидатарин масоили иҷтимоии ҷомеа огоҳии комил дошт ва онҳоро дар савия ва ҳадди лозимӣ баррасӣ намудааст. Шоир дар маснавиҳои «Хитоба ба мутааллимини Ҳирот», шеъри «Наврӯзи оворағон», «Гиребони бенаво», «Нолаи хоркан» ва ғайра аз мушкилоте сухан меронад, ки онҳо ба аксари кишварҳои шарқи мусалмонӣ хосанд. Шоир орзу мекунад, ки аҳолиии кишварҳои мазкур ҳарчи зудтар аз ин гирифторӣ ва вартаи ноумедӣ раҳоӣ ёбанд ва кишварҳояшон рӯ ба тараққӣ ниҳад.

Дар баробари ин, шоир ба яке аз мавзӯъҳои доғи рӯзгори мардуми Афғонистон, масъалаи муҳоҷират ва ғурбат рӯ меорад. Ин мавзӯъ дар эҷодиёти шоир мавқеи хос дорад ва ба ҳамин хотир унвонҷӯ онро дар фасли алоҳида мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Шоир маснавие дорад бо номи «Бо худ ва ба ҳамватанони овораи Амрико», ки дар он эҳсоси гурбатро бо камоли ҳунар ба қалам медиҳад. Дар рисола, ҳангоми баррасии ашъори дар ғурбат таълифнамудаи Халилӣ унвонҷӯ таъкид менамояд, ки воқеъан дурӣ аз Ватан дардест, ки вуҷуди инсонро хароб месозад. Шоир ранҷи оворагӣ, ранҷи бекасӣ, ранҷи фироқ, дарду доғи ҷонгудози ҷудоӣ аз ёру диёрро ба як сӯзу сози махсус тасвир мекунад. Бояд гуфт, ки Халилӣ солҳои зиёде, дар ғарибӣ зистааст ва он чӣ дар ашъори мазкур мегӯяд аз вуҷуди худди муаллиф ҷӯш мезанад.

Дар маҷмӯъ Халилӣ дар ашъори худ мушкилоти мардуми Афғонистонро ҳамчун шоири миллӣ ва баёнгари масоили иҷтимоӣ кишвараш ба қалам медиҳад. Ӯ дар ҳама ҳолат аз муқобилони ҷангу парокандагӣ, бенавоию факр ва тафриқаҳои мазҳабию қавмист. Вай тарафдор ва тарғибгари иттиҳоду ҳамбастагии ақвому қабоили Афғонистон, сулҳу ормӣ ва ваҳдати миллист. Ба ҳамин хотир аксари муҳаққиқони адабиёти муосири Афғонистон, аз ҷумла муаллфи рисолаи мазкур ӯро аз ҷумлаи поягузорони адабиёт ва махсусан шеъри муқовимат меҳисобанд. Дар баробари ин, вайро ҳамчун шоири тасвиргар ва маъниофарин низ эътироф менамояд. Муаллифи рисолаи ҳаммаи масоили марбути эҷодиёти Халилиро ба таври мушаххас баррасӣ намуд. Дар маҷмӯъ ба хулосаҳои кулли илман асоснок мерасад.

Бардоштҳои унвонҷӯ дар хулосаи рисола дар даҳ банди алоҳида баён мешавад, ки аксари онҳо воқеӣ асоснок ва илмианд. Вай ба таври хулосаи ниҳоӣ таъкид менамояд, ки воқеан Халилӣ аз сухансароёни донишманду маҳбуби садаи XX адабиёти Афғонистон мебошад, ки бо ашъори дилангезу пуртаъсири худ як марҳилаи хосеро дар шеъри дарӣ ба вуҷуд овардааст. Ин нукта инчунин ишора ба он аст, ки осори шоир пургановат гуногунпаҳлӯ ва аз нигоҳи адабию ҳунарӣ вижагиҳои зиёде дорад, ки шинохту таҳқиқ ва пажӯҳиши онро метавон дар ҳудуди як ё чанд рисола фаро гирифт. Масоили маънишиносӣ, матншиносӣ ва сабкшиносии ашъори Халилӣ аз мавзӯъҳое ҳастанд, ки онҳо бояд дар оянда таҳқиқ шавад. Аз ин, ҷиҳат рисолаи Суфиёи Ҷаннатмир дар маҷмӯъ роҳро барои пажӯҳишҳои баъдӣ боз менамояд. Дар рисолаи мазкур дар баробари дастовардҳои муҳими илмию пажӯҳишӣ баъзе нуқсону камбудиҳое низ ба назар мерасанд, ки зикри муҳимтарини онҳо барои такмили рисола аз аҳамият холӣ нест:

1. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзӯъ бисёре аз китобу мақола ва рисолаҳо танҳо номбар мешаванду халос. Моҳияту муҳтавои онҳо нишон дода намешаванд.

2. Дар фасли чаҳоруми боби якуми рисола, ки «Қолабҳои шеърӣ» унвон дорад бештар ба чанд навъи шеърӣ (қасида, ғазал ва дубайтӣ) таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Ҳол он ки Халилӣ ашъори зиёде дар қолабҳои дигари шеърӣ ҳам сурудааст.

3. Дар боби дуюми рисола агар масоили фаслҳои чаҳорум ва панҷум дар якҷоягӣ баррасӣ менамуданд беҳтар буд.

4. Дар фасли даҳуми боби дуюм ҷанбаи муқовимат дар ашъори Халилӣ дар муқоиса бо шеъри муқовимати дарӣ ва форсию тоҷикӣ баррасӣ мешуд, муаллифро ба хулосаҳои мушаххастар мерасонид.

Камбудиҳои мазкур арзиши илмии рисолаи Суфиёи Ҷаннатмирро кам намесозанд. Фишурда, мақолаҳо ва гузоришҳои илмии муаллиф, ки ба нашр расидаанд мӯҳтавои рисоларо ба пуррагӣ ифода мекунанд. Дар маҷмӯъ рисолаи мазкур таҳқиқоти комилу анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. - Адабиёти тоҷик мебошад.

Мудири кафедраи
филологияи Донишкадаи фарҳанг
ва санъати ба номи М.Турсунзода Мирзода З.Қ.

Имзои мудири кафедраи филология
Мирзода Зулфия Қурбоновнаро
тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкади
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода Ёдгорова Е.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шаҳри Душанбе, хиёбони борбад, 73а
E-mail: «tajartins@yandex.com»
тел: 231-18-27